**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи доктории Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна ба мавзуи **«Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ»** бахшида шудааст ва дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқи илмӣ доир ба мавзуи сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии муосири тоҷикӣ буда, дар он масъалаҳои назариявии сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, аз қабили меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва зуҳуроти ҳодисаи синкретизм дар забоншиносӣ, сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва–муайянкунанда, пуркунанда, мубтадо ва хабар, сермаъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва– ҷумлаҳои пайрави ҳол, меъёрҳои ҷудо кардани тобишҳои семантикӣ ва тобишҳои маънои наҳвии ҷумлаҳои пайрав, омилҳои сермаъношавии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва – пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ– хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, семантикаи калимаи эзоҳталаби сарҷумла, ҷойи ҷумлаи пайрав, дараҷаи сермаъношавии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва вобаста ба воситаҳо ва омилҳои он, бори аввал ба баррасии муфассал фаро гирифта шудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия мисолҳои фаровон аз асарҳои бадеии нависандагони муосир ҷамъоварӣ шуда, дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва хулосабарориҳои муаллиф мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия таҳти унвони **«Масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷикӣ»,** ки аз чор фасл иборат аст, фикру андешаҳои олимон ва муҳаққиқони наҳвшиноси ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявии сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, давраи аввали омӯзиши масъалаҳои сермаъноӣ, давраи дуюми омӯзиши масъалаҳои сермаъноӣ, меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва баҳсҳо дар атрофи он мавриди омӯзиш ва пажуҳиш гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва дар забони адабии тоҷикӣ»** ном дошта, панҷ фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва – муайянкунанда, пуркунанда, мубтадо ва хабар, семантикаи ҷумлаи пайрав, тобиши маънои синтаксисӣ, омилҳои сермаъноӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва»** ном дошта, аз 11 фасл иборат аст. Дар боби мазкур доир ба таснифоти ҷумлаҳои пайрави ҳол ва фикру андешаи муҳаққиқон дар ин масъала, тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳол, омилҳои сермаъношавии онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ шудааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва ба таври мукаммал ва алоҳида мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар он дар асоси омӯзиши назари муҳаққиқон ва таҳлили мисолҳо аз сарчашмаҳои бадеӣ хусусияти сермаъноии синтаксисӣ, фарқи он аз тобишҳои семантикии ҷумлаи пайрав баррасӣ гардида, таъсири он ба ҷудо ва муайян намудани навъи ҷумлаи пайрав нишон дода шудааст. Дар муқоиса бо баъзе ҳодисаҳои дигари синкретӣ муҳим будани ҳодисаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар шинохти аслии онҳо муқаррар карда шудааст. Ҳамчунин нишон дода шудааст, ки вобаста ба махсусиятҳои фикррони мантиқӣ омилҳои сермаъношавӣ дар ҷумлаҳои пайрав як хел нестанд, онҳо вобаста ба робитаи мантиқии сарчумла ва ҷумлаи пайрав, муносибатҳои сабабу натиҷагӣ, замонӣ, шартӣ, хилофӣ, муайянкунандагӣ дар хелҳои ҷудогонаи ҷумлаи пайрав аз ҳам фарқ мекунанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ метавонад, барои омӯзиши табиати ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ мусоидат намуда, ба масъалаи таснифоти ҷумлаҳои пайрав ва хелҳои он рушанӣ андозад. Ҳамчунин дар омӯзиши хусусиятҳои наҳвии забони тоҷикӣ, тамоюлҳои инкишофи сохтор ва маъноии наҳви забони тоҷикӣ мусоидат намояд

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 15 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидааст, инъикос ёфта, бо мазмуну муҳтавои диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати

диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи муҳаққиқ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои асосӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи **«Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон** – доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллӣ илмҳои Тоҷикистон.

– **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои таълимию методии Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСИС» дар шаҳри Душанбе.

– **Калонова Маҳина Ҷумабоевна** –доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Назарзода Сайфиддин

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна

доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳасан Баротзода

«09» июли соли 2025.